آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

9 октябри соли 2024 Чоршанбе № 81 (15092)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҲАМОИШИ ИДМ ИШТИРОК КАРД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 7-8 октябр ба шаҳри Маскав сафари корӣ анҷом дод.





Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 октябр дар ҷамъомади навбатии Шӯрои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ширкат намуд.

Дар кори ҳамоиш, ки зери раисии Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ва Сарвазири Арманистон Никол Пашинян ва инчунин Котиби генералии ИДМ Сергей Лебедев иштирок доштанд.

Бинобар рӯзномаи маҷлис табодули афкор дар бобати вазъият ва истиқболи рушди муносибати гуногунҷанба ба амал омада, масъалаҳои муҳими ҳамкории амалӣ дар доираи ИДМ муҳокима гардиданд.

Дар суханронии худ роҳбари давлатамон ба натиҷаҳои раисии Русия дар Иттиҳод баҳои баланд дод, ки дар давраи он ҳамкории бисёрҷониба дар тамоми самтҳо инкишоф ёфт.

Эътибори алоҳида ба вазъияте нигаронда шуд, ки бо таъмини бехатарӣ ва рушди устувори мамлакатҳои ИДМ робита дорад.

Аҳамияти роҳандозии ҳамкории бонизоми хидматҳои махсус ва идораҳои соҳибваколати мамлакатҳои ИДМ, такомули усулҳои муборизаи бар зидди таҳдидҳои имрӯз, андешидани чорабиниҳои ҳамоҳанггардида дар соҳаи таъмини кибербехатарӣ ва ҳамчунин ҳуҷҷатҳои барномавӣ таъкид гардиданд.

Пурзӯр намудани корҳои муштарак дар самти иқтисодии ҳамкорӣ чун вазифаи бартаринок муайян карда шуд.

Табодули моли Ӯзбекистон бо мамлакатҳои ИДМ аз аввали сол 16 фоиз афзуд. Дар бобати ҳамкории саноатӣ бисёр мисолҳои муваффақиятнок мавҷуд аст. Ба ногузирии таҳрикбахшии фаъолияти шӯроҳои соҳавӣ ва кумитаҳои ИДМ ишора гардид.

Пешниҳод шуд, ки баҳори соли оянда дар доираи намоишгоҳи байналхалқии саноатии «Иннопром» дар шаҳри Тошканд ҷамъомади Шӯрои иқтисодии ИДМ ва Анҷумани рушди инноватсионӣ баргузор гардад, ки ба масъалаҳои рушди зеҳни сунъӣ бахшида шавад.

Бо мақсади васъат додани табодули гуманитарӣ ба нақша гирифта шудааст, ки Рӯзҳои маданияти давлатҳои Иттиҳод баргузор гардад. Дар қатори ин ногузирии омодагии барномаи ҳарсолаи чорабиниҳои муштарак дар соҳаҳои тандурустӣ, таълим, санъат, кино, сайёҳӣ ва варзиш таъкид шуд.

Татбиқи лоиҳаҳо дар доираи мутаносибан пойтахтҳои маданӣ ва ҷавонони Иттиҳод эълон гардидани Самарқанд ва Тошканд бо қаноатмандӣ зикр гардид.

Ғайр аз ин, дар Ӯзбекистон мусобиқаҳои ҷомҳои кушоди ИДМ оид ба шоҳмот ва футбол дар байни ҷамоаҳои ҷавонон барпо мегарданд.

Дар поёни сухани худ Президенти Ӯзбекистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро бо қабул намудани раисӣ дар Иттиҳод дар соли 2025 табрик намуд.

Дар поёни ҳамоиш чандин муоҳида ва қарорҳо бинобар самтҳои бартариноки ҳамкорӣ дар доираи ИДМ қабул гардиданд.

Бо ҳамин сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Федератсияи Русия анҷом ёфт.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

МАСКАНИ ТИББИИ «ҚАРАУЛОН»



Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қараулон»-и но-ҳияи Шофиркон маскани нави ҳифзи саломатӣ ба фаъолият оғоз намуд. Ин бунгоҳи тиббӣ барои Курушкент, Маҳаллиқозӣ барин панҷ деҳаи ҳудуд, ки 4500 нафар аҳолӣ дорад, хидмати саривақтии тиббӣ расонда метавонад.

Муолиҷагоҳ мувофиқи талабҳои замон ҷиҳозонида шуда, дар ин ҷо лаборатория, электрокардиограмма, УЗИ, хонаҳои доя-гинеколог, муолиҷагирӣ, стоматология, беморхонаи рӯзонаи дорои шаш ҷой амал мекунад. Ҳоло шодию хурсандии сокинони деҳаҳои номбаршуда андоза надорад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки маскани тиббиро бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Jo'ynav sity savdo baraka» дар муддати якчанд моҳ бунёд карданд. Барои сохтмон 1 миллиарду 700 миллион сӯм маблағ харҷ гардид.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

МИССИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ НАВОӢ

Нозирони Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари (ДНДҲБ) Ташкилоти бехатарӣ ва ҳамкории Аврупо (САҲА) Свитил Павел ва Сковбо Стиг барои шиносоӣ бо муҳити маъракаи пешазинтихоботӣ ба вилояти Навоӣ ташриф оварданд. Нозирони байналмилалӣ дар комиссияи ҳудудии интихоботӣ бо фаъолияти кории аъзоёни комиссия ва шароиту имконоти Маркази матбуоти он шинос шуданд.

Зимни мулоқот раиси Комиссияи ҳудудии интихобот Шуҳрат Ҷӯраев дар асоси «Консепсияи ташкили такмили ихтисоси аъзоёни комиссияҳои интихобот»-и КМИ дар бораи ташкили ҷараёнҳои таълим, ташаккули дониш ва маҳорати корбарӣ бо технологияҳои замонавии ахбор, ташаккули маданияти ҳуқуқии аъзоёни комиссия мушаххас маълумот дод.

Мушоҳидон бо фаъолияти ҳавзаҳои интихоботии вилояти Навоӣ шинос мешаванд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

Солҳои гузашта қисми зиёди муроҷиати шаҳрвандон новобаста аз он ки ба кадом идора, ташкилот ё корхона тааллуқ дошт, ҳалли онҳо беназорат мемонд. Ё худ барои муроҷиат ва ҳаллу фасли он бисёр вақт, ҳатто солҳо сарф мегардид. Ҳоло, бинобар даъвати Президент Шавкат Мирзиёев «Халқ ба мақомоти давлатӣ не, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат намояд» масъала ранги дигар гирифтааст.

АЗ ЗАМИНИ НАЗДИҲАВЛӢ БОЯД САМАРАНОК ИСТИФОДА БАРЕМ

Яъне акнун ҳар як шаҳрванд метавонад бо ин ё он муаммову масъала ба «Қабулгоҳи халқӣ» муроҷиат кунад.

Алҳол нафақат роҳбарони корхона ва муассисаҳо, ҳатто ҳокимони вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо низ мувофиқи секторҳо ба маҳалҳо рафта, бо аҳолӣ мулоқот мекунанд, қабулҳои сайёр ташкил менамоянд ва дар ҳаллу фасли мушкилоти аҳолӣ саҳм мегиранд.

Қабули сайёри навбатии ҳокими вилояти Сирдарё Акмалҷон Маҳмудалиев дар маҳаллаи Фаровони ноҳияи Сайхунобод баргузор гардид. Ҷамъомадагон ба ҳоким бо беш аз бист масъалаву муаммо ва таклифу пешниҳод муроҷиат карданд.

Қисми асосии муаммоҳои онҳо чун ҳарвақта оид ба кумакпулӣ, нафақа, хонаву ҷой, вомҳои имтиёзнок, таъминоти газу барқ, мумфарш кардани роҳҳо ва дар хусуси беҳбудии саломатии аҳолӣ буд.

Ҳоким таъкид кард, ки мушкилоти инфрасохтори маҳалларо зина ба зина бартараф хоҳем кард. Аммо қарс аз ду даст мебарояд. Аксар бошандагони хонадонҳо ба замини наздиҳавлӣ ва боғҳои худ эътибор намедиҳанд. Ҳол он ки кишоварзӣ манбаи даромади асосии сокинони маҳалла мебошад. Мардуми деҳот ва маҳалла бояд бедор шаванд. Агар лозим шавад, мо барои хуб зиндагонӣ кардани ҳар як шаҳрванди вилоят, аз ҳар як вақаб замин самаранок истифода бурда, даромади арзанда ба даст оварданро омӯзонем.

Дар қабули сайёр бошандаи маҳаллаи Фаровон Дилафрӯз Ёрова ба роҳбари вилоят бобати кумак расондан барои сиҳатии фарзандаш муроҷиат кард. Аз тарафи ҳоким барои беҳбудии кӯдак тамоми хароҷот ба дӯши мутасаддиён гузошта шуд.

Баробари фаро расидани зимистон мушкилоти таъминоти гази табиӣ ва неруи барқӣ зиёд мешавад. Дар ин ҷода барои иҷрои муроҷиати як гурӯҳ истиқоматкунандагони маҳаллаи мазкур роҳбари вилоят ба ҳокимияти ноҳия вазифаҳои мушаххас дод.

Бошандаи маҳалла Наргиза Носирова бо арзи ба кор таъмин шудан муроҷиат кард. Муроҷиати Муҳриддин Фазлиддинов низ оид ба ин масъала буд, ки дар ҷояш ҳаллу фасл гардид.

Восит Абдураҳмонов хоҳиш кард, ки барои сохтмони корхонаи истеҳсоли шир аз бонк вомии имтиёзнок гирад. Роҳбари вилоят ба дӯши мутасаддиён барои ҳалли муроҷиати ӯ вазифаҳо гузошт.

Дар қабули сайёр қисми зиёди муроҷиатҳо ҳалли худро ёфт.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти СИРДАРЁ.

27 ОКТЯБР – РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ДЕПУТАТҲОИ ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ШӮРОҲОИ МАҲАЛЛӢ

ИНТИХОБОТ 2024 27 ОКТЯБР

ИНТИХОБИ МАН-ВАТАНИ ОБОДАМ

Матолиби мазкур дар доираи майдони бепули чопӣ, ки барои ташвиқоти пешазинтихоботии Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либераливу демократии Ӯзбекистон ва Ҳизби демократии «Миллий тикланиш»-и Ӯзбекистон ҷудо шудааст, нашр мешаванд.

(Матолиби мазкурро аз саҳифаҳои 2 ва 3 мутолиа кунед).

ИЛМУ ТЕХНИКА МУШКИЛКУШОИ МАРДУМ

Илму техника имрӯз бо суръат рушд меёбад. Татбиқи дастовардҳои технологияи нав дар истеҳсолот сифат ва самаранокии маҳсулотро афзун гардонида, душвориҳои меҳнати дастии пурмашаққати инсонро бартараф мекунад. Мардум аз кори «сиёҳ» раҳоӣ ёфта, фаровонӣ ва осудагии ҳаёт таъмин мешавад.

Ин комёбии беназир дар фаъолияти пахтакорони кишвар низ ба мушоҳида мерасад. Пахтакорони ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ аз пешрафт ва татбиқи дастовардҳои илму техника дар ғунчини пахта бархурдоранд.

То соли 2023 ҳамагӣ як мошини пахтачини истеҳсоли Чин «Boshiran 4MZ – 4B» мавҷуд буд. Давоми соли 2023 тибқи лизинг бо қарзҳои бонкӣ 10 мошини пахтачини истеҳсоли ватанӣ Case CE – 220, ки дар як вақт пахтаи ду қаторро мечинад, мавриди истифода қарор гирифт.

Соли 2024 ба ноҳия 1 мошини пахтачинии истеҳсоли ИМА «John Deere CP 570» ва ду мошини истеҳсоли Чин «Boshiran 4 MZ - 4B» оварда шуд. Ин мошинҳо дар як вақт пахтаи 4 қаторро ғунчин мекунанд.

Мошини «John Deere CP 570», ки аз ҷониби ҶММ «Текстил Навбаҳор» харид шудааст, афзалият ва самаранокии бештар дорад. Бо мошини мазкур дар як шабонарӯз пахтаи 40 гектар замин ғунчин шуда, ҳосили чидашуда дар ҳолати тайёр той карда мешавад.

Имрӯз дар ноҳия 14 мошини пахтачин мавҷуд буда, деҳқононро аз меҳнати дастии пурмашаққат раҳоӣ бахшидааст.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

БАРОИ ФАРОВОНҲОЛИИ ХАЛҚ ТАЪЛИМИ БОСИФАТ, ТИББИЁТИ МУКАММАЛ ВА ҲИФЗИ МУҚТАДИРИ ИҶТИМОИРО ТАЪМИН МЕКУНЕМ

Дар Барномаи пешазинтихоботии Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либераливу демократии Ўзбекистон дар самтҳои зикршуда низ ташаббус ва таклифҳои хеле муҳим пеш гузошта шудаанд.

Тӯли ҳафт соли охир бо ташаббуси роҳбари давлат Шавкат Мирзиёев дар Ўзбекистон даврони нави Эҳё, яъне бунёди асоси **Эҳёи Сеюм** ба сифати вазифаи стратегӣ муайян гардида, ислоҳоти васеъмиқёси таърихӣ ва навгониҳо татбиқ мегарданд. Дар маркази ислоҳоти тамоми соҳаҳо, ки бо шиддат амалӣ мешаванд, инсон ва қадри ӯ мавқеи муҳим дорад. Зеро танҳо, вақте ки инсон дар шароити муносиб таълиму тарбия мегираду ҳаёти фаровон дорад, ҳамоҳангии ҷамъият ва давлат мунтазам таъмин хоҳад шуд.

Дар Сарқонуни навшудаамон **«давлати иҷтимоӣ»** эълон гардидани Ўзбекистон ва **се баробар афзудани** ўҳдадориҳои соҳаи мазкур барои ҳар як нируи сиёсӣ харитаи ба худ хоси амалиёт ба шумор меравад.

Ҳизби либераливу демократии Ўзбекистон бар он аст, ки ҳанӯз масъалаҳои ҳаллу фасли худро интизор мавҷуданд ва аз рӯйи онҳо дар доираи барномаи пешазинтихоботии худ ба эътибори электорати хеш як қатор ғоя ва лоиҳаҳои истиқболнокро тақдим месозад.

Саъй барои афзудани маърифати ҷамъият – мақсади устувор

Даъвати пурмаънии маорифпарвари бузург Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ **«Ба вориҳони худ танҳо илми имрӯзро не, балки дониши замони ояндаро низ омӯзонед»**, табиист, ки барои ислоҳоти самти таълими ҳизби мо ҳамчун мино хидмат мекунад.

ҲДЛӮз ислоҳоти муҳимро дар ин соҳа қатъиян дастгирӣ намуда, **ба пурра таъмин кардани эҳтиёҷот нисбати таълими томактабӣ** кафолат медиҳад. Дар ин бобат **дар навбати аввал** ташкилотҳои таълими томактабии шарикии **давлативу хусусӣ** ва **ғайридавлатӣ** дастгирӣ карда мешаванд. Мо бинобар пешрафти таълим ва зеҳни интеллектуалӣ **ба сафи кишварҳои пешқадами дунё ворид шудани Ӯзбекистони Нав**ро зарур мешуморем.

Солҳои минбаъда ҷорӣ кардани **Барномаи давлатии рушди мактабҳо** дар маркази эътибори ҲДЛӮз қарор хоҳад дошт. Чун ҳаҷот дар илм ва маърифат аст, мо то соли 2030-юм фароҳам оварданди **2,5 миллион ҷойи нави хонанда**, куллан бехтар кардани **сифати таълим**ро аз вазифаҳои рӯзмарраи худ медонем. Зеро алҳол миқдори аҳолии мамлакати мо сол аз сол зиёд мегардад, мувофиқи он шумораи бачагони синну соли мактабӣ низ меафзояд.

Масъалаи хатмкунандагони мактаб ҳамеша дар маркази диққати мо қарор хоҳад дошт, мо барои соҳибкасб шудани онҳо фаъолона кор мебарем. Аз ин нуқтаи назар барои ба **50 фоиз** расондани бо таълими олӣ фаро гирифтани хатмкунандагон тамоми чораҳоро сафарбар месозем. Ин ҷиҳат, дар навбати худ барои нафақат дар донишгоҳҳои бонуфузи кишварамон, балки дар мактабҳои машҳури хориҷӣ таълим гирифтани онҳо имконияти мусоид фароҳам меоварад.

Мақсади мо ба кишвари дорои маданият ва маънавияти баланд, мамлакати **сокинонаш озоду хушбахт** табдил додани Ӯзбекистони Нав мебошад, барои ба амал татбиқ сохтани он тамоми иқтидор ва имкониятҳои худро сафарбар менамоем.

Ақли солим дар ҷисми солим ё худ кафолати таъмин намудани тибби комил

Мо бояд ҷиҳати ба амал татбиқ кардани тамоми имкониятҳо барои дар байни аҳолӣ қатъиян коҳиш додани беморӣ, фаъолона ҷорӣ кардани тарзи ҳаёти солим, **ба 78 сол расондани давомияти миёнаи умр** ва ғайра пурра истифода бубарем.

Бинобар ҳамин ҳам ҲДЛӮз дар панҷ соли оянда **2 баробар** зиёд кардани ҳаҷми маблағи солонаи аз буҷа ба соҳаи тибб ҷудошаванда, яъне **ба 6 миллиард доллар** расондани онро ба сифати яке аз мақсадҳои асосии худ муайян кардааст. Дар ин бобат ба профилактикаи бемориҳо эътибори асосӣ дода мешавад.

Ҳадди ақалл **2 баробар** коҳиш додани фавти модару кӯдак, бемориҳои ирсии кӯдакон, **2,5 баробар** кам кардани фавти бармаҳал бинобар бемориҳои саратон, рагҳои хунгузори дил, диабети қанд тамоми иқтидори худро сафарбар мекунем.

Мо ба мақсади коҳиш додани бемориҳои онкологии байни занону духтарон барои **занони солашон аз 40 зиёд** аз **назорати даврии тиббӣ** гузаштанро ҷорӣ менамоем. Ҳизб барои роҳ надодан ба гузаштани муҳлати беморӣ ва авҷ гирифтани он коркарди асосҳои ҳуқуқии **кумаки кафолатноки ройгон ва ҳаҷми дақиқи он** фаъолона кор мебарад.

Алҳол худи замон тақозо дорад, ки мо ба низоми суғуртаи тиббӣ гузарем, ки аллакай дар тиббиёти хориҷа самараи мусбат медиҳад. Мо коркарди лоиҳаи қонуни **«Дар бораи суғуртаи тиббӣ»**-ро метезонем. Баробари **суғуртаи давлатии тиббӣ ҷорӣ кардани суғуртаи ғайридавлатии тиббиро** муҳим медонем ва онро ба сифати ташаббуси рӯзмарра пеш мегузорем. Бад-ин тарз саҳми сектори хусусӣ дар тиб ба **25 фоиз** расонида хоҳад шуд.

ҲДЛӮз ба сифати неруи сиёсии дастгирикунандаи сектори хусусӣ ба муассисаҳои **тиббии ғайридавлатӣ** барои таъмин сохтани ҳаёти осоишта, сиҳатмандӣ ва ҳолати санитариву эпедимиологии аҳолӣ ғайр аз фаъолияти тиббии вобаста ба дараҷаи хатарнокӣ ҷорӣ намудани **тамоми хидматҳои тиббӣ, тартиби беш аз пеш содатар кардани рухсат ва литсензиядиҳӣ** барои татбиқ кардани **амалиётҳои мураккаби ҷарроҳиро** таклиф менамояд.

Дар ин маврид маҷбурем, ки **ғояи зерини Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат»-ро ба сифати таклифи нобаҷо танқид кунем. Ба фикри онҳо барои ба манбаи даромад табдил наёфтани тиббиёт муассисаҳои ғайридавлатии тиббӣ аз «ташкилоти тиҷоратӣ» бояд ба муассисаи ғайритиҷоратӣ гузаронида шаванд.**

Ба ин фикр наметавон ҳамроҳ шуд. Зеро тибби хусусӣ дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ сифат ва рушди рақобатро таъмин месозад. Тиббиёти хусусӣ хидмати муқобил ба хидмати давлатии тиббӣ буда, он бори муассисаҳои давлатии тиббиро кам мекунад ва ба сарфа гардидани харҷҳои буҷа сабаб мегардад.

Яъне, ба шакли ғайритиҷоратӣ гузаронидани тиббиёти хусусӣ ба афзудани бори муассисаҳои давлатии тиббӣ ва боиси аз байн рафтани сифати хидмат мегардад. Дар натиҷа халқамон аз он зарар мебинад.

«Ҳар як оила бояд соҳиби хонаи худ бошад!»

Мақсади мо солҳои оянда дар соҳаи сохтмони манзилҳои иловагии истиқоматӣ ҷудо кардани **15 миллиард** доллар маблағ ва бунёди **1 миллион** манзил мебошад. Дар мавқеи худ ва мувофиқи мақсад истифода бурдани маблағи ҷудогардида низ хеле муҳим аст. Ҳизби мо барои хушсохту зебо ва ба заминларза тобовар сохтани ин манзилҳо эътибори бузург хоҳад дод.

Мо низоми ба аҳолӣ додани **вомҳои имтиёзноку дарозмуҳлатро** мураттаб ба роҳ мегузорем. Ҳамчунин ба шахрвандоне, ки манзилҳои нав харид мекунанд, низоми **баргардондани нисфи андози қимати иловашударо** ҷорӣ менамоем. Ин ҷиҳат барои ҳаллу фасли масъалаҳои таъмин сохтани оилаҳо бо манзил қадами муҳим хоҳад шуд.

Қадри инсон, ҳифзи иҷтимоии ӯ – мақсади асосӣ

ҲДЛӮз дар асоси тамоюли **«Ӯзбекистони Нав – давлати иҷтимоӣ»** барои беҳтар кардани сифати хидматҳо ва коҳиш додани нодорӣ чораву тадбирҳои заруриро татбиқ менамояд. Аз ин нуқтаи назар мо мехоҳем ба **се баробар кам кардани андози даромади музди меҳнати** шахрвандоне, ки маош мегиранд, **муваффақ шавем**. Саъю ҳаракатҳои мо ба зиёд шудани даромади оилавии аҳолӣ ва дар натиҷа беҳтар шудани дараҷаи ҳаёти онҳо хидмат хоҳад кард.

Мо эътироф менамоем, ки қадри ҳаёти ҳар як инсон баланд аст, ҷараёни **муайян кардани маъюбӣ**ро содатар мекунем, ба бесарусомонӣ роҳ намедиҳем. Мо **аз тариқи низоми электронӣ** гирифтани маълумот оид ба беморро барои комиссияҳои экспертии тиббиву иҷтимоӣ ва **аз тариқи электронӣ расмӣ кардани** онро зарур мехисобем. Аз тариқи электронӣ гирифтани маълумот ва аз тариқи электронӣ расмикунонии он ба коҳиш додани омили инсонӣ хидмат мекунад.

Эътибор ба соҳибони ояндаи мо – манзилро наздик мекунад

Ҳизби мо барои ба ҷавонон **фароҳам овардани ҷойҳои** манфиатовари **корӣ** ва **аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ** корҳои мунтазамро татбиқ менамояд.

Мо низоми ба ҷавонон омӯзондани касбҳои замонавиро куллан аз нав дида мебароем ва дар асоси супориши корхонаҳо амалиёти **ба касб омодакуниро** ҷорӣ мекунем. Ба ин тариқ саъй менамоем, ки самарабахшии **корҳои коркарди ҷараёни тайёркуниро** баланд бардорем. Ҳамчунин бо ташаббуси ҳизб дар ҳар як вилоят ҳадди ақалл дар 100 гектар замин **«Маркази иҷтимоиву иқтисодии ҷавонон»** ташкил карда мешавад ва марказҳои мазкур воқеан барои ҷавонон чун **«фабрикаи лоиҳаҳо»** хидмат мекунанд.

Мо барои ҷавононе, ки ба соҳаи соҳибкорӣ иқдом кардаанд, имконияти васеъ намудани хидматҳои микромолия ва истифода аз воситаҳои молиявии замонавиро фароҳам меоварем. Ҳамчунин барои ҷавононе, ки тиҷорати худро дар бинои ба иҷора гирифта оғоз карданд, механизми **дар давоми як сол сарпур сохтани 50 фоизи хароҷоти иҷоравро** ҷорӣ мекунем.

Барои занону духтарон ва одамони синну солашон бузург тамоми шароитҳо фароҳам оварда мешаванд

ҲДЛӮз сиёсати дар ҷамъият **фаъолтар кардани соҳибкории** занонро мутасил идома медиҳад. Аз тариқи эътибори ҷиддӣ **ба меҳнати масофавӣ ва соҳибкории рақамии** бонувон **2 баробар кам кардани дараҷаи бекории** байни занон мақсади асосии мост.

Барои ба занони бинобар таваллуд ба таътил баромада ҷорӣ кардани **низоми кори онлайн** асосҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда мешаванд. Мо дар ин бобат муттасил кор мебарем. Барои ҳамаҷониба дастгирӣ намудани **занони кӯдакдор**, ки дар натиҷаи баста шудани субъектҳои соҳибкорӣ **бекор мондаанд**, низоми **суғуртаи бекориро** ҷорӣ мекунем.

Ҳизби мо бобати **ҳар сол аз назорати ройгони тиббӣ гузаштан**, дар шифохона ва сиҳатгоҳҳо шифо гирифтан ва дар саросари мамлакатамон **ташкил кардани саёҳатҳои** беш аз се миллион муйсафедони мамлакат кумак мерасонад.

Аз тариқи қабул кардани Қонун **«Дар бораи ҳифзи саломатии куҳансолон»** мо беш аз пеш ҷорӣ намудани хидматҳои **ройгони тиббӣ ва зарурии иҷтимоиро нисбати куҳансолони синнашон аз 70 зиёд** пеш мегузорем.

Мо якҷо нируи бузург ҳастем! Иқтидорамон низ дар вахдат аст! Барои тараққиёти Ӯзбекистони Нав ҳамватанони муттаҳидшудаамонро даъват менамоем, ки баҳри «Ваъда не, натиҷа, фардо не, имрӯз», ба ҳизбамон овоз диҳанд!

Эркин ЗОҲИДОВ,
Севара УБАЙДУЛЛОЕВА,
номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

БА ҲАРАКАТИ СОҲИБКОРОН ВА КОРЧАЛЛОНҲО – ҲИЗБИ ЛИБЕРАЛИВУ ДЕМОКРАТИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

Хабарҳо аз вилоятҳо

ТАШРИФИ ҲОКИМ БА МАКТАБҲО

Ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов аз мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии 10 ва 8-уми ноҳияи Нурато дидан кард.

Ҳоким бо имконоти толори варзишӣ, хонаҳои кории омӯзгорони ҳар як фан ва омодагии мактаб ба фасли сармо шинос шуд.

Бинои кӯҳнаи мактаби рақами 8-ум, ки мавриди истифода қарор надорад, барои таъсиси корхонаи дӯзандагӣ ҷудо карда шудааст. Ҳоким бо рафти корҳои таъмири бино шинос шуда, дар бораи ҷалби зан ва духтарони хонанишин ба шуғли доимӣ ба масъулин пешниҳод ва маслиҳатҳо дод.

Замини наздиҳавлигии мактаб, ду самти роҳравҳои мактабро гулҳои рангоранг зеб додаанд. Муҳити дилкашу гуворо аз назари ҳоким дар канор намонд. Масъулинро вазифадор намуд, ки чунин манзараҳои дилкаш дар ҳамаи мактабҳои ноҳия ташкил карда шавад. Ин раванд дар тарбияи муносибати наврасон ба муҳити зист таъсири амиқ дорад.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

САФАРИ ДӮСТОНА

Як гурӯҳ сайёҳон аз Қирғизистони ҳамсоя, ки тавассути ширкати сайёҳии «Саванна»-и ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон барои сайру тамошо омаданд, боздидро аз тамошои масканҳои таърихии ноҳия оғоз намуданд.

Меҳмонон аз зиёратгоҳи мутафаккири бузурги тариқати хоҷагон Маҳдуми Аъзам ва музейи таъриху фарҳанги ноҳия дидан карданд. Маълумоту суҳбат ва экспонатҳо оиди ҳаёту фаъолияти аллома Маҳдуми Аъзам, таърихи қадимиву бойи Косони бостонӣ дар меҳмонон таассуроти фаромӯшнашаванда гузошт.

Инъомҷон ПӮЛОДОВ,
корманди музейи таъриху фарҳанги ноҳияи Косонсой.

Вилояти НАМАНГОН.

«ВЕТЕРАН» ДАР ПАХТАЗОР

Имрӯзҳо ғунучини ҳосили пахта идома дорад. Сокинони ҳимматбаланди маҳаллаҳои ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон бо амри дил бо аъзоёни оилаашон ва ҳамкорони ҷомеаи меҳнатӣ ба пахтазор баромада, ба деҳқонон кумаки амалӣ мерасонанд.

Рӯзи якшанбеи гузашта гурӯҳи фахриёни ҷанги Афғонистон таҳти роҳбарии раиси шуъбаи ноҳиявии Иттиҳодияи ҷанговарони фахрӣ «Ветеран» Файзулло Қулаҳмедов ба пахтазори хоҷагии фермерии «Муҳаммадҷон Зафар» баромада, ба пахтакорон ёрӣ расониданд.

Ҳокими ноҳия Дилмурод Қодиров барои ташаббускорӣ ва намунаи ибрат ба ҷанговарони фахрии байналмилал изҳори миннатдорӣ намуд ва таъкид кард, ки ғайрату шуҷоати ташаббускорон барои ҳашарчиёни ҷавони ноҳия намунаи ибрат мегардаду сафи кумакчиён дар пахтазор боз ҳам меафзояд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАМАНГОН.

ТӮЙИ СУННАТИИ НАВРАСОН ДАР ҒИЖДУВОН

Ба қарибӣ дар тӯйхонаи «Гулистон»-и маркази ноҳияи Ғиждувон тӯйи суннатии 40 нафар наврасони оилаҳои мӯҳтоҷи дастгирии иҷтимоии 20 маҳаллаи ноҳия баргузор гардид.

Ин тадбир бо ҳамкории ҳокимияти ноҳия, шуъбаҳои ноҳиявии коҳиши камбизоатӣ ва шуғл, Агентии кор бо ҷавонон, инчунин, ҳомиён — соҳибкорони маҳаллӣ ба амал омад.

Аз ин саховати пурнишот нафақат падару модарон, хешу табор ва алоқамандони хонадон, балки хурду калон, иштироккунандагони маърака хеле шод шуданд. Дуои куҳансолон, шукронаи волидон, дархостҳои неки меҳмонону мизбонон, сипосгузориҳо ба созмондиҳандагони «дасторхони мурод» бо савту суруд, рақсу хушгӯиҳо омезиш ёфта, ҳозиронро хеле рӯҳбаланд намуд.

Ҳомиён ба наврасон сару либос, велосипед ва дигар туҳфаҳои хотиравӣ супориданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти БУХОРО.

БОЗИГАРОНИ УМЕДБАХШ КАШФ ХОҲАД КАРД

Дар вилояти Фарғона филиали Академияи футболи Варзишгари хидматнишондодаи ҷумҳурӣ ба номи «Odil Junior» кушода шуд.

Дар маросими кушодашавии он ташаббускори ин академия Одил Аҳмедов гуфт, ки дар ҷумҳурӣ кашф ва тарбияи бозигарони умедбахшу боистеъдод яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад, ки тибқи дастури Президент сурат хоҳад гирифт.

Вай афзуд, ки ба ин васила иҷрои қарори Сарвари давлат таъмин хоҳад шуд ва аз он футболи мамлакат хеле бурд хоҳад кард. Ба таъкиди футболбози номӣ имрӯз ба футбол дар тамоми ҷаҳон таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Боиси хурсандист, ки дастаҳои миллӣ ва ҷавонони Ӯзбекистон дар як қатор мусобиқаҳои бонуфуз ширкат намуда, шаъну шуҳрати Ватанамонро ҳимоя мекунанд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Вилояти ФАРҒОНА.

Муносибат

ҚОИЛМАҚОМИ АҶДОДИ САРБАЛАНДИ ХУД БОШЕМ

Фармудаи маорифпарвари бузург Абдулло Авлонӣ: «Таълиму тарбия барои мо масъалаи ё ҳаёт, ё мамот, ё наҷот, ё ҳалокат, ё саодат, ё фалокат аст», барои ҳар як омӯзгор бояд шиори рӯзмарра гардад. Дар ҳар як давру замон таълиму тарбияро масъалаи муҳим ҳисобидаанд.

Мулоқоту суханҳои самимии Президент бо мураббиён ва омӯзгорон ба муносибати иди касбиашон, албатта, ҳар як равшанфикрро ба мулоҳиза ва андешаронӣ водор месозад.

Агар ислоҳоти солҳои охирро амиқтар таҳлил намоем, дар соҳаи таълим ба рушди зинаи аввали тарбия – таълими томактабӣ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ эътибори ҷиддӣ дода шуд. Ин, албатта, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Ӯзбекистони Нав таълиму тарбия ба масъалаи «ҳаёт ва мамот» табдил меёбад.

Дар беш аз 37 ҳазор боғчаи бачагон, зиёда аз 10 ҳазор мактаб – мақсади асосӣ баланд бардоштани сифати таълим мебошад.

«Ҷомеае, ки муаллимашро эҳтиром мекунад, бешак, пеш меравад ва рушд меёбад. Агар ҷомеа тағйир наёбад, пешравӣ ҳам намешавад. Аммо кӣ қодир аст, ки тафаккури одамон ва ҷамъиятро тағйир диҳад? Берунию Ал-Хоразмию Фарғониҳои навро кӣ тарбия карда метавонад? Ба иҷрои ин вазифаи бузург ва рисолати воқеан таърихӣ, шумо, устодону мураббиён қодиред», гуфт сарвари давлат.

Ҳар сол муассисаҳои нави таълимӣ сохта шуда, пойгоҳи моддиву техникии онҳо мустаҳкам ва шумораи кадрҳо зиёд мегардад. Дар ҳафт соли охир дар беш аз 5 ҳазор мактаб корҳои сохтмону таъмир ба охир расид. Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм хӯроки бепул ба беш аз 288 ҳазор нафар хонандагони синфҳои ибтидоӣ роҳандозӣ гаштааст.

Музди меҳнати муаллимон нисбат ба соли 2018 ба ҳисоби миёна 2,5 баробар зиёд гардид, маоши профессор ва устодон 4,5 маротиба, аз моҳи октябри соли ҷорӣ музди меҳнати педагогҳо боз 15 фоиз афзуд.

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки дастгирии муаллимон ва рағбатноксозии онҳо идома дода мешавад. Муаллимоне, ки дар озмоишҳо 86 ва аз он бештар холҳоро ба даст медароранд, ба миқдори 70 фоизи иловагии маош соҳиб мегарданд. Ба ғолибони озмуни «Муаллими сол» манзили истиқоматӣ пешниҳод мегардад.

– Муаллимони босавод ва шуҷоъ ғановати нодири халқамон мебошанд. Бинобар ин, бояд зери унвони «Эҳтироми муаллим» китоб ва филмҳо офарида шаванд, – иброз намуд роҳбари давлат.

Ба ивази чунин ғамхориҳои ҳукумат муаллими имрӯз бояд дар ислоҳоти соҳаи таълим боз ҳам фаъолтар иштирок намуда, дар роҳи ба ҳаёт татбиқ намудани ғояи «Ӯзбекистони Нав – ҷамъияти бомаърифат» саҳми муносиб гузорад.

Солҳои охир хонандагони мактабҳои тоҷикии ҷумҳурӣ низ ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Онҳо дар олимпиадаҳои фаннии сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳатто хориҷӣ иштирок намуда, ғолибиятро ба даст оварданд. Ё ин ки баъди хатми мактаб 90 фоизи хонандагони баъзе мактабҳои тоҷикӣ ба муассисаҳои олӣ дохил шудаанд.

Боиси хушнудист, ки сафи занону духтароне, ки баъди хатми мактаб таҳсилро дар донишкадаву донишгоҳҳо идома медиҳанд, сол то сол меафзояд. Охир, модари бофарҳанг фарзандони боодоб, ватандӯсту халқпарварро ба воя мерасонад.

«Шолӣ бе курмак намешавад», гуфтааст мардуми пурдидаи мо. Баробари дастовардҳо дар соҳа камбудиҳо низ бисёранд. Ҳастанд муаллимоне, ки ба касби пуршарафи худ аз паси панҷа нигоҳ мекунанд. Танҳо барои маошу рӯзгузаронии худ мактаб рафта меоянд.

– Муаллимаи фанни «Шиносоӣ бо атрофу муҳит» як матнро ба дафтар кӯчонед гуфта, худ фақат бо пардоз машғул мешавад, ё соати дароз бо дугонааш бо телефон суҳбат мекунад, – мегӯяд набераам Сафия, ки ба яке аз мактабҳои пойтахт меравад.

Вақте муаллим ба дарс хунукназарона муносибат мекунад, аз хонанда чиро интизор шудан мумкин? Боре бо ҳамсоязан доир ба мактаб, тарбияю ахлоқи набераҳо суҳбат оростем.

– Набераам дар синфи 9-ум мехонад. Ба мактаб як рӯз равад, ду рӯз намеравад. «Гвардияи миллӣ», ки ба мактабҳо вобаста карда шудааст, хона омада набераамро гирифта мебарад. «Барои чӣ мактаб намеравӣ?» – пурсидам аз ӯ. «Дар мактаб фанҳои барои ман нодарқориро меомӯзонанд. Ба он фанҳо шавқ надорам», ҷавоб дод набераам. Чунин рафтори ӯ падару модарашро ниҳоят ба ташвиш андохтааст. Агар хонанда се рӯз ба мактаб наравад, 300 ҳазор сӯм, агар аз он зиёдтар аз дарс монад, миқдори ҷарима аз он зиёдтар мешудааст, – мегӯяд ҳамсоязан.

Аҷиб, чаро хонанда ба мактабу муаллим чунин муносибат дорад? Оё ин рафтори онҳо «ба серӣ – шӯхӣ» нест магар? Падару модар барои онҳо таомҳои дилхоҳ, либосу пойафзор, китобу дафтар ва дигар ҷиҳозҳои хонишро муҳайё карда мондаанд. «Фарзандамон аз қатор кам нашавад» гуфта, шабу рӯз меҳнат мекунанд. Аммо тартиб, интизом, ахлоқи баъзе хонандагон шахсро ба андеша кардан водор месозад. Боре дар яке аз барномаҳои телевизионии «Муносибат» дар атрофи мавзуи мактабу маориф суҳбат рафт. Иштирокдорон таклиф ба миён гузоштаанд, ки бояд ба мактабҳо марду муаллимонро бештар ҷалб намоем. Мард-муаллим сахтгир, серталаб ва ҷиддитар ба таълиму тарбия мепардозад. Зан-муаллимҳо, ки модар ҳастанду табиатан нарманд, дар таълиму тарбияи хонанда, бахусус писарбача, саҳлангорӣ мекунанд.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» минбари омӯзгорон низ аст. Солҳое, ки дар мактаби миёна аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс медодем, рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик») ҳамроҳи ҳамешагии мо буд. Ба он хонандагони синфҳои болоӣ низ обуна мешуданд. Фикр мекардем, ки рӯзнома дар баробари хонандагонашро аз навигариҳои олам хабардор кардан, ба насли наврас забон низ меомӯзад. Рубрикаҳои «Ҳаёт ва мактаб», «Машъалони маориф» хеле ҷолиб буданд. Ба ҳаёти мактабҳо саҳифаҳои алоҳида бахшида мешуд.

«Овози тоҷик» имрӯз ҳам ин анъанаро давом медиҳад, гӯша ва саҳифаҳои махсусе дорад, ки ба ҳаёти муассисаҳои таълими олӣ, миёна ва миёнаи махсус бахшида мешаванд, ҳатто кӯдакистонҳо низ дар канор намемонад. Дар ин саҳифаҳо машъалони маориф – омӯзгорони пешқадам, мисли Ҳотамалӣ Раҳматов, Дилмурод Қӯзиев, Элмурод Рӯзиев, Саодат Сангинова, Шарофхон Мирзоев, Содиқ Сулаймон ва дигарон аз вилоятҳои гуногуни ҷумҳурӣ бо мақолаҳои методӣ ба ҳамкасбони худ, баробари усули дарсдиҳӣ омӯхтан, доир ба бартараф намудани мушкилоти соҳа фикрҳои ҷолиби худро ба миён мегузоранд. Онҳо дар навиштаҳояшон ба қарору фармонҳои роҳбари давлат такя мекунанд.

Мо фикр мекунем, ки омӯзгорон ба ғамхориҳои ҳукумат, ки доир ба соҳа пешниҳод месозад, «лаббай» гуфта ҷавоб медиҳанд, ба беҳ шудани сифати таълиму тарбия дар мактабҳо саҳм мегузоранд.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ БОСИФАТ – ПОЙДЕВОРИ МУҲИМИ АМАЛӢ СОХТАНИ САЛОҲИЯТИ НАСЛИ КОМИЛ

MILLIY TIKLANISH DEMOKRATIK PARTIYASI

Ҳизби демократии «Миллий тикланиш» бо дарки мазмуну моҳияти сиёсате, ки ба арҷ гузоштани қадри инсон дар мамлакат нигаронида шудааст, мақсади асосии татбиқи ғояи **«Тарбия ё ҳаёт ё мамот»**-ро бобати фароҳам овардани шароит барои салоҳияти худро дар амал намоён кардани ҳазрати инсон медонад. Барои салоҳияти худро рӯйи об баровардани ҳар як инсон, пеш аз ҳама, истифодаи пурраи ҳуқуқу озодиҳои бунёдӣ бобати таълим гирифтан, салоҳияти маънавию фарҳангии худро пайваста баланд бардоштан ва ба камолоти ҷисмонӣ расидан талаб карда мешавад.

Бинобар ин, ҳизб дар барномаи худ ба ин масъалаҳо муносибати комплексиро пешниҳод намуда, ба масъалаҳои **тарбияи маънавӣ ва таълими босифат, ривоҷдиҳии тамоми зинаҳои он**, инчунин, **тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш** эътибори алоҳида медиҳад.

Тарбияи маънавӣ ва таълими босифат омили асосии ташаккули инсони комил мебошад

Ҳизб дар барномаи пешазинтихоботӣ масъалаи **тарбияи маънавӣ ва таълими босифат**ро ба сифати яке аз меъёрҳои асосии ба амал татбиқ сохтани салоҳияти насли комил муайян намуда, дар ин самт як қатор пешниҳоду ташаббусҳоро ба миён мегузорад. Аз ҷумла, ташаббуси **мунтазам такмил додани китоби дарсии «Тарбия»** пешбарӣ мегардад.

Ҳамзамон, аз ҷониби ҳизб вазифаҳои устувор вобаста ба **рушди асосҳои тарбияи миллӣ ва барномаҳои миллии таълимӣ**, андешидани чораҳо бобати **такмили асосҳои ҳуқуқии** ҳамоҳангии таълиму тарбияи муттасилро пешниҳод менамояд.

Татбиқи ин ғояву ташаббусҳо барои таҳияи методологияҳои дастовардҳои илму фан, тарбияи замонавӣ ва истифодаи онҳо дар соҳа, бо назардошти афзалиятҳои арзишҳо ва менталитети миллӣ барои таҳияи барномаҳои миллӣ дар ин самт имкон фароҳам меоварад. Таҳияи заминаи ҳуқуқии ин чорабиниҳо бошад, барои муқаррар намудани вазифаву мақсадҳои мушаххас, ки ба такмилдиҳии соҳа нигаронида шудаанд ва ташкили самараноки татбиқи онҳо хидмат мекунад.

Ривоҷдиҳии таълими томактабӣ ва мактабӣ яке аз вазифаҳои устувори ҳизб хоҳад шуд

Маълум аст, ки сифати таълими томактабӣ ва мактабӣ пеш аз ҳама ба салоҳияти педагог ва тарбиядиҳандагон вобаста мебошад. Педагог ва тарбиядиҳандагони салоҳиятдор бошад, тавассути омодасозии мақсаднок ва озмун ба раванди таълиму тарбия ҷалб мешаванд.

Маҳз бо назардошти ин ҷиҳатҳо, ҳизб қабули **«Барномаи давлатии омода кардани тарбиядиҳандагон ва омӯзгорони авлоди нав»**, инчунин, интихоби хатмкунандагони мактабҳои дорои маҳорати педагогӣ ва ташкили таҳсили онҳо дар асоси фармоиши давлатӣ, ҳангоми ба кор қабул кардани тарбиядиҳандагон ва муаллимон омӯхтани **фаъолияти кории пештараи онҳо**, роҳандозии аз тестҳои психологӣ гузаронидан, ҷорӣ намудани **системаи шаффофи дар асоси озмун ба мактабҳо қабул кардани** педагогҳо барин **ташаббусҳоро пешбарӣ менамояд**.

Ин ташаббусҳо, ки аз ҷиҳати мазмун ба ҳам наздиканд ва ба созмони корпуси педагогҳои ботаҷриба нигаронида шудаанд, дар таъмини таълим ва тарбияи босифат роҳи ҳалли асосӣ маҳсуб мешаванд.

Дар «Барномаи давлатии омода кардани тарбиядиҳандагон ва омӯзгорони авлоди нав», дар навбати аввал, муайян намудани чорабиниҳо бобати тарбияи тарбиядиҳандагону педагогҳое, ки қадру қимати кӯдакро паст назада, онҳоро дар рӯҳияи худбоварӣ тарбия мекунанд, ташаббусҳои онҳоро безътибор нагузошта, барои дастгирӣ мекӯшанд, инчунин, такмилдиҳии системаи интихоб ва омодасозии кадрҳо дар асоси методика ва технологияҳои муосир мувофиқи мақсад мебошад. Яъне асоси барномаи давлатиро, ки пешниҳод мегардад, дар асоси барномаи махсус омода ва интихоб намудани устодоне ташкил намояд, ки **худро такмил медиҳанд**, эҳтиёҷи рушди пайвастаро эҳсос менамоянд ва дар шогирдони худ ҳам чунин малакаи муносибатро ба вуҷуд меоваранд.

Инчунин, бобати таъмини шаффофият дар қабули педагогҳо ба кор масъалаҳое мавҷуданд, ки то ҳол ҳалли муносиби худро интизоранд.

Яъне, ба кор гирифтани кадрҳои педагогии мувофиқ, ки бевосита ба сифати таълиму тарбия вобаста аст ва дар ин замина таъсиси сохторҳои шаффоф ҳанӯз ҳам чун масъалаи муҳим боқӣ мемонад. Ҷорӣ намудани системаи шаффоф бобати **дар асоси озмун ба кор қабул кардани омӯзгор-педагогҳо дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ**, на танҳо барои пешгирии хешутаборбозӣ, коррупсия ва порагирӣ дар соҳа, балки худ аз худ барои боз ҳам беҳтар гардидани сифати таълим имкон фароҳам месозад.

Таълими касбиву ҳунарӣ, олӣ ва баъд аз олӣ барои тайёр кардани кадрҳои касбӣ ба бозори меҳнат хидмат мекунад

Бояд гуфт, ки имрӯз дар бозори меҳнат доираи касбҳои замонавӣ ва дигар намудҳои фаъолият васеъ мегардад. Талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои замонавӣ низ тағйир меёбад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, ташаббуси ҳизб дар бобати ба назар гирифтани **бозори байналхалқии меҳнат** дар тайёр кардани кадрҳо дар шароити ҳозира, ки муҳити рақобат пурзӯр шуда истодааст, аҳамияти калон дорад. Аз ин лиҳоз, барои гузоштани қадамҳои оянда дар асоси саволҳои ҳаётан муҳиме, чун имрӯз замон чӣ гуна кадрҳоро тақозо мекунад, мо барои рӯзгори обод ва таъмини шуғли ҷавонони худ чӣ гуна кор кунем, ба онҳо чӣ гуна касбу ҳунарро омӯзем, **маҳз ташаббуси ҳизби мо бояд дастуруламал гардад**.

Ғайр аз ин, зинаи асосии тайёр кардани кадрҳои ботаҷриба ин таълими олӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар баробари дастгирии ҳамаҷонибаи ислоҳоти соҳаи таълим, ки дар солҳои охир амалӣ гардиданд, бахусус, ислоҳоти воқеие, ки ҷиҳати фароҳам овардани имконияти васеъ барои таълими олӣ гирифтан татбиқ шуданд, ҳизб ташаббуси аз нишондиҳандаҳои миқдор ба сифат гузаштан, дар ин росто ба ҷойи даромадан осон ва хатм кардан душвор табдил додани таҳсилоти олиро пешбарӣ менамояд.

Дар ин самт муқаррар намудани вазифаҳои мушаххас аз рӯйи афзунсозии сифати таълим, таҳияи нақшаву барномаҳои таълимӣ дар асоси талаботи бозори меҳнат, баланд бардоштани салоҳияти педагогҳо, таъмини ҳамоҳангии амалия ва назария, шаффоф ва одилона гузаронидани имтиҳонҳо зарур аст.

Аз ин сабаб, ҳизб дар асоси ғоя ва ташаббусҳои худ дар тамоми муассисаҳои таълими олӣ ба сифати таълим эътибори алоҳида нигаронидан, **бахусус, дар муносибат бобати ташкили таълими хусусӣ, дар асоси тамоюли «даромад не, дониш муҳим аст» омодасозии кадрҳоро ба сифати вазифаи таъхирнопазир** пешбарӣ менамояд.

Воқеан, ҳангоми баҳодиҳии сифати таълим омӯхтани фикри донишҷӯён, ки аз ин манфиатдор ҳастанд, муҳим аст. Татбиқи ин механизм бошад, барои баҳодиҳӣ ба раванди таълим, такмил додани он дар асоси фикрҳое, ки аз ҷониби истеъмолкунандагони он – донишҷӯён баён гардидаанд, имкон медиҳад.



Ривоҷдиҳии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои тарбияи авлоди аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим ва комил имкон медиҳад

Пурра ба амал татбиқ сохтани салоҳияти насли комил дар ғояҳои Ҳизби демократии «Миллий тикланиш» оид ба масъалаҳои **тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш** мавқеи устувор дорад. Зеро тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои камоли насли оянда ва тамоми табақаҳои аҳолӣ як хел масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, ҳизб такмилдиҳии асосҳои ҳуқуқии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тарбияи авлоди ҷавони ҳам ҷисмонан ва ҳам руҳан солим, фароҳам овардани шароити мусоид барои дар доираи васеъ ва мунтазам бо варзиш шуғл варзидани бачагон ва ҷавонон, инчунин, дубора барқарор кардани намудҳои миллии варзишро чун мақсади устувор муқаррар намудааст.

Дар ин самт ҳизб ташаббусҳои **зиёд намудани сафи ҷавононе шуғлварзандаи касбӣ ва доимӣ**, таъмини **шаффофият ва холисӣ** дар корҳои селексия, барқарор намудани **намудҳои миллии варзиш ва бозиҳои мардумӣ**, роҳандозии ташкили бозиҳои миллии олимпии варзиш, дастгирии иштирок дар **«Олимпиадаи панҷ ташаббус»** ва **мусобиқаҳои байналмилал**иро пешбарӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки ҳеҷ чиз мамлакатро монанди варзиш зуд ва ба осонӣ дар ҷаҳон машҳур карда наметавонад. Ғайр аз ин, дар тарбияи насли комил ва ташаккули миллати солим дар баробари олами ақлӣ ва маънавии шахс, аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим камол ёфтани онҳо низ нақши муҳим дорад.

Хулоса, таваҷҷуҳи ба худ хоси ҳизби мо оид ба соҳаи таълим ва фан системаи комплексиро ташкил мекунад, ки навсозиро аз таълими томактабӣ то таълими баъд аз олӣ пешбинӣ намуда, барои ноил шудан ба мақсади синергетикӣ нигаронида шудааст.


Тамоми пешниҳоду ташаббусҳое, ки дар барномаи пешазинтихоботии Ҳизби демократии «Миллий тикланиш» инъикос ёфта, ба такмили системаи таълиму тарбия, инчунин, рушди масъалаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нигаронида шудаанд, барои ташаккули насли нави кадрҳои аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ комил хидмат мекунанд.

Баҳодур МАМАТХОНОВ,
Васила ФАЙЗИЕВА,
номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Мачлис.

БА ҲИЗБИ ДЕМОКРАТИИ «МИЛЛИЙ ТИКЛАНИШ»-И ЎЗБЕКИСТОН ВА НОМЗАДҲОИ ОН ОВОЗ ДИҲЕД!

Раҳовард

1. ТОҶИКИСТОН – ҲАМДАМУ ҲАМРОЗИ МО



Ҳамеша сафар ба хоки кишвари ҳамчавори Тоҷикистон, боздид аз шаҳри ҷавониам – Душанбе, тамошои зодгоҳи Хоҷа Камол – Хуҷанд ва Панҷекати бостонӣ, сайру саёҳат ба минтақаҳои гуногуни вилояти Хатлон ва дидору мулоқотҳои пурфайзу ҷолиб бо ҳамсабақону дӯстони дигар бароям неруи тоза ва рӯҳу тавон мебахшанд.

Ин бор сафари мо ба шаҳри Панҷекат аз меҳмонӣ дар хонаи акои Тӯрабек Муродов оғоз ёфт. Вай солҳои зиёд ба шогирдон дар мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва муассисаҳои миёнаи махсус аз кимёву биология сабақ додааст. Ҳамсари ӯ – Юлдуз факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқандро хатм кардааст. Ӯ духтари Ҳусейн Олчинов, зодаи деҳаи Сариканда аст, ки замоне вазифаи мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Сӯхро бар дӯш доштаву чанд муддат дар шаҳри Панҷекат низ зиндагиву кор кардааст. Апаи Юлдуз чошт моро бо хӯроки лазиз меҳмондорӣ кард. Баъд ҳамроҳи акои Тӯрабек бо азми зиёрати мақбараи Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба роҳ баромадем.

Қобил ба ёдоварист, ки оромгоҳи сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (858-941) дар 60 километрӣ аз шаҳри Панҷекат воқеъ гаштааст. Он аз бинои ҳасткунҷаи хиштӣ бо хуҷраи якгунбаза иборат буда, дар соли 2008 ба муносибати 1150 солагии шоир куллан бозсозӣ шудааст.

Лаҳзае хомӯшӣ дар фазои мақбара ҳукмфармо гашт. Ин хомӯширо хониши байтҳои зерини Рӯдакӣ барҳам зад, ки яке аз меҳмонон вирди забон кард. Ҳамаи нишастагон гӯш ба қироати зебои ин байтҳо додем:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накукорӣ,
Киштие соз, то бад-он гузарӣ.

Оромгоҳи Рӯдакӣ ғайр аз он ки яке аз зиёратгоҳҳои асосии алоқамандони аҳли адабу фарҳанг аст, ҳамасола сайёҳони зиёди маҳаллӣ ва хориҷӣ низ аз он боздид мекунанд. Табиати зебову хурram оромгоҳро иҳота намудааст. Арчаҳои сарсабз ва гулбоғи беруни мақбара ба шукӯҳи он шукӯҳу накҳати тоза ато намудаанд.

Баъд аз осорхона аз китобхонаи «Рӯдакӣ» боздид намудем. Дар он рочеъ ба натиҷаҳои кофтуковҳои бостоншиносӣ як қатор ашё ба намоиш гузошта шуда буданд, ки ҳар яки он мазмун ва моҳияти хосеро касб менамуд. Дар девори атрофи осорхона байтҳои дар лавҳаҳо бо хати кирилӣ ва ҳуруфоти арабиасоси форсӣ навишташудаи устод Рӯдакӣ ба чашм зебо метофт. Дар рафҳо китобҳои зиёде гирдоварӣ шудаанд, ки аз намунаҳои осори Одамушшуаро ва китобҳои ба забонҳои гуногуни ҷаҳон таълифшуда, ки ба ҳаёту фаъолияти ӯ бахшида шудаанд, иборат буд.

Баъд худро ба деҳаи Мазори Шариф расонидем, ки зодгоҳи устоди зиндаёд ва шоири шаҳири тоҷик Лоиқ Шералӣ мебошад. Боздиди мо аз мақбараи Хоҷа Муҳаммад Башоро – донишманди ҳадис оғоз ёфт. Ин мақбара дар байни боғи сабзу хуррам маскан гузидааст. Тавре ки роҳбалад, зодаи ин деҳ – Бобоҷон ба мо нақл намуд, иншооти меъмории мазкур мутааллиқ ба асрҳои XI-XII милодӣ буда, дар гузашта вазифаҳои мақбара ва масҷидро анҷом додааст.

Дарвоқеъ, нӯҳ ёдгории таърихию фарҳангии Шоҳроҳи бузурги абрешими Тоҷикистон ба Феҳристи асосии мероси ғайримоддии ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидаанд ва яке аз ин нӯҳ ёдгорӣ мақбараи Хоҷа Муҳаммад Башоро мебошад. Хиштҳои нахустини ин ёдгорӣ дар асри XI – замони ба авҷи аъло расидани санъати меъморӣ дар Осиёи Миёна гузошта шудаанд.

– Солҳои 1342-1343 даромадгоҳи калони пешравоқдор бо сафоли сирноки ранга кандакорӣ гашта, тарафҳои чап ва рости даромадгоҳи пешравоқ бо кошинкории гилӣ ба тарзи кандакории ҳандасӣ хеле хуб ороиш ёфтааст. Сутунҳои ду тарафи кунҷҳои пешравоқро катибаҳои махсуси кандакоришуда зинат медиҳанд, – гуфт Бобоҷон. Тавре ки вай боз иброз дошт, дар охири яке аз катибаҳо санаи сохтумон соли 743-и ҳичрӣ (солҳои 1342-1343) сабт гардидааст ва ин байт чунин аст:

Ҳар кӣ аз мо кунад ба некӣ ёд,
Номаш андар ҷаҳон ба некӣ бод.

Дар ин тараф шахсиятҳои дигари бузурги ҳамон давра низ то соли 1529-и милодӣ аз худ навиштаҳои хурде дар васфи Муҳаммад Башоро боқӣ гузоштаанд, ки то ҳол маҳфуз боқӣ мондаанд. Сутунҳои он соли 1342 сохта шудааст ва ҳамон шакли аслии он бетағйир ҳифз шудааст. Танҳо ин лавҳаҳову аҷноси дигари мақбара бидуни рангубор анҷом дода шудаанд, на мисли иншоотҳои дигари меъморие, ки дар ҷойҳои дигар арзи вуҷуд намудаанд. Аммо бо ҳамон шакле, ки мебинед, зимни эъмори ёдгориҳои дигар аз ин нақшҳо намуна гирифтаанд, – гуфт Бобоҷон.

Бо арзи ташаккур ба роҳбалади худ аз зинаҳо поён фаромедем ва барои боздид аз осорхонаи устод Лоиқ шитофтем. Он ҳавлие буд, ки Лоиқи шодравон он ҷо зодаву бузург шудааст ва баъд ба ситораи дурахшони адабиёти форсу тоҷик табдил ёфтааст. Ҳарчанд пардаи шом рӯшноии рӯзро хира менамуд, мо фурсатро бой надода, зуд аз ин осорхона боздид намудем. Аксҳои зиёде ҳаёту фаъолият ва дидору мулоқотҳои устод Лоиқро бо шахсиятҳои гуногун бозтоб медоданд. Зикри ин хотираи ҳамсари шодравонаш – Зебунисо Қутбиддиноваи омӯзгор барои беҳтару бештар дарк намудани мақоми баланди ин шоири мардумӣ шаҳодат хоҳад дод, ки ҳафтаномаи «Оила» нашр намудааст: «Ман ҳеҷ тасаввур намекардам, ки ба писари аммаам ба шавҳар мебароям. Лоиқро аз хурдӣ чун бародар дӯст медоштам. Вайро дар оилаамон ҳама дӯст медошт, он вақт ӯ донишҷӯйи Донишкадаи омӯзгорӣ буд, касе фикр ҳам намекард, ки солҳо мегузарад ва он кас чунин шахси машҳур мешаванд. Ману Лоиқ оиладор шудем. Худоро шукр, ки зиндагии бисёр хубе ҳам доштем ва ман худро зани хушбахт меҳисобам».

Устод фармудааст:

То нагирам хунбаҳои ҷумлаи қурбониёнро,
То набахшам умри озоде ҳама зиндониёнро,
То наёбам роҳи дилҳои тамоми зиндагонро,
То набардорам ба дӯшам дӯшбори ин замонро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

Бале, Лоиқ ҳаргиз намемирад, зеро вай дар дилу дидаҳои мухлисони зиёдаш, шефтагони шеъру ғазал, рубоиву дубайтӣ ва шеърҳои сафедаш маъво гирифтааст. Номи ӯ чи дар Тоҷикистон ва чи дар Ӯзбекистон абадӣ гиромӣ дошта хоҳад шуд.

Шом фаромад ва дилу бедилон деҳаи Мазори Шарифро тарк карда, ба шаҳри Панҷакент баргаштем. Он ҷо моро ҳамсабақам – журналисти соҳибқалам Бобо Солеҳзода интизор буд. Дар хонаи акои Тӯрабек бо ӯву дӯстони дигар то поси шаб суҳбат кардем. Субҳи рӯзи дигар мо сафари худро ба самти Душанбе давом додем.

Тоҷикистон –
ҳамдаму ҳамрози мо,
Мардумаш –
дар хурмату эъзози мо!


Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ТОШКАНД – ПАНҶАКЕНТ.

Таърихи диёрро меомӯзем

Манораи Ҷарқӯрғон дар маҳаллаи Манори ноҳияи Ҷарқӯрғони вилояти Сурхондарё воқеъ буда, солҳои 1108-1110 бо фармони шоҳи Салҷуқиён Абусаъд Сунғури Бадром таҳти роҳбарии меъмор Алӣ ибни Муҳаммад Сарахсӣ аз дохили қалъаи Ҷармангон сохта шудааст.

МАНОРАИ ҶАРҚӮРҒОН



Маънои луғавии вожаи «Ҷармангон» «қалъаи лаби ҷар»-ро дорад, ки баъдтар дар забони мардумӣ ба вожаи Ҷарқӯрғон табдил ёфтааст. Дар дохили манора 92 зинапоя мавҷуд буда, ҳангоми ба баландӣ баромадан ду дарича барои гардиши кофии ҳаво кушода шудааст. Дар ин ҷо посбонон боло баромада, атрофро мушоҳида мекардаанд, баъдтар муаззинҳо барои мардумро ба намоз даъват кардан истифода бурдаанд. Гарчанде ки он нигаҳ дошта нашудааст, дар сурати (соли 1879) аккос Н. Н. Каразин дар назди манора харобаҳои масҷиди куҳна акс ёфтааст. Манора бар асоси суннатҳои мактаби меъмории Хуросон сохта шуда, дар забони мардумӣ бо номи «Муъҷизаи печида» низ маъруф аст. Ӯ дар шакли мавҷи хиштӣ ба болои пояи ҳаштгӯша чида шудааст. Хиштҳояш чоркунҷаи тунук буда, бараш якхела – 35 сантиметр аст. Онҳо аз шонздаҳ сутуни аз поён то боло дар шакли мавҷи ба ҳам пайваста қад кашида, дар ягон ҷояш хатое нест. Дар баландии 20 метр айвонҳои панҷаранок сохта шуда, дар болои он бо хати куфии арабӣ навиштаҷоти: «Барои қурбонӣ ва наздик шудан ба Худои мутаъол, амир, сайиди бузургвор, одил, пешвои давлату дин, мададгори ислом ва мусалмонон, амири Хуросон Абусаъди Сунғури Бадром (?) ибн-ал-Қумоч(?)» навишта шудааст. Кунҳҳо дар камар идома ёфтаанд, аммо қисми болоии манора нигоҳ дошта нашудааст. Дар боло ва поёни манора, ки В. А. Шишкин хондааст, номи офарандаи он Алӣ ибни Муҳаммад ва дар қисми болотари он ояти 18-уми сураи «Тавба» бо хати нотамоми кӯфӣ навишта шудааст.

Дар фолклори воҳа низ ёдовар мешавад, ки манораи Ҷарқӯрғон ҳафт ошёна дорад. Баландии ҳозираи он 21,6 метр ва диаметраш 5,4 метр аст. Бино ба тахмини муаррихон, манора замони бунёдаш чилу се метр буд, вале дар давоми ҳаштсад сол аз эътибор дур афтода, пас мардуми маҳаллӣ онро барои эҳтиёҷи шахсии худ тахриб кардаанд, дар маъхазҳои дигар мегӯянд, ки пас аз ду соли сохтмон, аъяне бар асари заминҷунбии шадиди соли 1112 аз сабаби дигар шудани меҳвари манора, сохтмон ба анҷом нарасидааст. Соли 1948 аз Маскав олимон омада, маълум кардаанд, ки дар сохтани манора ҳазорҳо тухмро ба лой ҳамроҳ кардаанд, то аз замин намӣ нагузарад.

Дар ҷаҳон ҳамагӣ се манорае мавҷуд аст, ки ҳамин тавр сохта шудаанд ва яке аз онҳо дар ноҳияи Ҷарқӯрғон бунёд шуда бошад, боқимонда дар Афғонистони ҳамсоя, дигаре дар Ҳиндустон қад афрохтааст. Ҷанбаи дигари қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки «Манораи Ҷарқӯрғон» дар байни се манора қадимтарин ба ҳисоб меравад. Дигар манораи «Пизза»-и Италия, ки дар миёнаи асри XIII бунёд шудааст ва боз яке манораи «Невянск», ки дар ибтидои асри XVIII дар Невянски Русия сохта шудааст.

– Вақте ҳукумати шӯравӣ ба сари ҳокимият омад, аз хишти манора казармаҳои низомӣ сохта шуд, – мегӯяд муаррих Шопӯлод Ҳайдаров. – Падарам Тӯлаган Ҳайдаров иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон буд, ба райком муроҷиат мекунад, ки манораро наҷот диҳад. Райком «Ман ҳуқуқ надорам, ки ба номиён гап занам, гапи ман ба онҳо намегузарад» гӯён маслиҳат медиҳад, ки ба вилоят раванд. Падарам ба вилоят рафта то давутозу ҳалли масъала биноро вайрон кар-да, дар 16 аробаи Қӯқанд мекашонанд. Соли 1936 танҳо баъд аз қарори раиси комиҷроияи вилояти Сурхондарё дар бораи манъ кардани вайронкунӣ манора ҳамчун ёдгории таърихӣ ба ихтиёри давлат супурда шуд. Аз соли 1936 то соли 1982 Тулаганбобо дар тоза нигоҳ доштани гирду атрофи манора ва тамошои сайёҳон саҳм гузоштааст. Бо шарофати фидокории чунин инсонҳо манора то насли имрӯз нигоҳ дошта шуда, касро шод мегардонад.

Имрӯз дар феҳристи Созмони ҷаҳонии мероси фарҳангии ЮНЕСКО беш аз чаҳор ҳазор ёдгорӣ мавҷуд аст, ки яке аз онҳо «Манораи Ҷарқӯрғон» мебошад.

Ҷанбаи дигаре, ки касро ба андеша водор мекунад, ин аст, ки садҳо сол пеш аз ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна ин минтақа сераҳолӣ буд ва мо тавассути ин манора мизони рушду пешрафти фарҳангу меъмориро равшан мебинем. Соли 2018 манора бо гузоштани оҳаксангҳо ба гирду атрофаш барои пешгирӣ аз ҷамъ шудани об таъмир шуда, ҳамчун ёдгории таърихӣ аз ҷониби давлат ҳифз карда мешавад.

Мо кишвари дорои мероси фарҳангӣ ҳастем, аз ин рӯ насли ҷавон нисбати фарҳанги миллии худ эҳтиром дошта бошанд, то тавонанд онро пос доранд.

Ҷамолиддин НОРМАТОВ,
магистранти курси якуми Донишгоҳи давлатии Гулистон.

Мушоҳида ва мулоҳиза

«ҲОЗИР ҲАМ ГАЗЕТА МЕХОНАНД(-МӢ)!?»

Рӯзе ба як чорабинии фарҳангӣ рафтам. Дар толор чанд нафар ҳозир буданд. Марди қоқинаи қадбаланд, ки дар тан либоси расмӣ дошт ва шояд аз ташкилкунандагони чорабинӣ буд, ба истиқболам шитофт.

– Марҳамат, – гуфт ва ба қатори дувум ишора кард. Бароҳат ҷойгир шудам. Дар қафои саҳнаи толор бо ҳарфҳои калон «Маънавияти воло, неруи мағлубнопазир» навишта буданд. Тахмин кардам, ки мавзӯи чорабинӣ аст. «Насиб, имрӯз як ҷаҳон ғизои маънавӣ мегирем» аз дил гузарондам. Марди қоқина дубора дар даст коғазу ручка омад.

– Бахшиш, Шумо аз кадом ташкилот? – пурсид.

– Аз газета, – кӯтоҳ ҷавоб додам.

– Ба рӯйхат даровардаанам даркор, – сабаб фаҳмонд ва саволомез нигоҳ кард.

Ному насаб ва ҷойи корамро се бор такрор кардам ва мард онро бо мушкилӣ ва чанд хатои имлоӣ навишт. Баъд аз коғаз сар бардошта:

– Ҳозир ҳам одамон газета мехонанд-мӣ? – бо хандаи безеб пурсид ва ҷавобро интизор нашуда, ба пешвози меҳмонони дигар шитофт.

Аз ин саволи ғайричашмдошт ҳайрон мондам. Ва пас аз лаҳзае ин ҳайрат ба ҷаҳл табдил ёфт. Намедонистам он ҷо монам ё баромада равам. Охир вақте «тарғибгарони маънавият», ба қавле, «қишри интеллигент»-и ҷомеа ба кас бо чунин савол рӯ оранд, аз дигарон чӣ бӯйи умед? Дар як лаҳза хаёл ба парвоз омада, ба солҳое рафт, ки дар шуъбаи радиои Ширкати симо ва садои вилояти Самарқанд кор мекардам. Рӯзе барои суҳбат ба як мактаби варзишӣ рафтам. Бо мураббие, ки таҷриба ва мукофоту дастовардҳои зиёд дошт, дар мавзуи «Варзиш – асоси саломатӣ» суҳбат кардем. Пас аз анҷом, мусоҳибам пурсид, ки суҳбат дар куҷо мебарояд. «Дар радиои вилоят. Шумо метавонед онро тавассути мавҷҳои 105,2 ё 107,5 гӯш кунед», гуфтам. «Ҳозир кӣ радио гӯш мекунад?» писханд зад мураббӣ...

Баъд андешаҳоям маро ҷониби воситаҳои тарғибгари маънавият ва маърифат, махзани илму хирад, ташаккулдиҳандаи завқи бадеӣ, эҷодӣ ва тафаккур, инъикоскунандаи набзи ҷомеа, таҳкимдиҳандаи рӯҳи солиму комил, аз қабили театр, осорхона, радиову телевизион, рӯзномаву мавҷаллаҳо бурд.

Имрӯз мо садҳо театр дорем, вале тамошобинҳо ангуштшуморанд. Дар аксар вақт толорҳо холӣ ва намоиши спектаклҳо мавқуф мемонад.

Осорхонаҳо дорем, намоишгоҳҳои асарҳои мусаввирон, маҳсули дасти ҳунармандонро ташкил мекунем, аммо теъдоди камшумор аз он дидан менамоянд.

Дар ҷумҳурӣ ва қариб дар ҳар як вилоят радио фаъолият дорад ва гуфторҳояшон бо забонҳои гуногун пахш мешаванд, вале кам касоне ҳастанд, ки радио гӯш кунанд.

Шабакаҳои гуногуни давлатӣ ва хусусии телевизионӣ фаъолият доранд. Лек мо тобу тоқати тамошои барномаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва маърифатиро надорем. Агар тамошо кардем, сериалҳои ба чорчӯбаи зеҳнии мо бегона, намоишҳои бемазмуну бемантиқ, дастурҳои орӣ аз мундариҷа ва мазмуни муайянро мебинем.


Бо як сухан, мо ба театр ва осорхонаҳо намеравем, радио намешунавем, дар шабакаҳои телевизионӣ барномаҳои муфиди фарҳангиву ахлоқиро тамошо намекунем, китоб, рӯзнома ва мавҷалла намехонем. Ва ҳамеша барои ин баҳонаи тайёр дорем: вақт нест! Пас, мо маънавиятро аз куҷо мегирем? Маданиятро чӣ хел меомӯзем? Чӣ тавр огоҳии сиёсиву фаъолии иҷтимоии мо меафзояд ва ҷаҳонбиниамон васеъ мегардад? Чӣ хел дар тинати хеш завқи эстетикиву хислатҳои ҳамидаи инсониро ташаккул медиҳем?..

Пойбанди чунин хаёлот будам, ки садои кафкӯбӣ маро аз вартаи андешаҳо бурун овард. Зуд ҷониби дар нигоҳ кардам. Ҳозирин меҳмонони расмиро бо қарсак пешвоз мегирифтанд. Баъд меҳмонон якяк ба сухан баромаданд. Аслан онҳо бояд дар мавзӯи «Маънавияти воло, неруи мағлубнопазир», яъне дар бораи маънавият, аҳамияти он дар рушди давлат ва ҷамъият, тарбияи насли ҷавони соҳибмаънавият ҳарф мезаданд. Лек мавзӯъ як ҷониб монду нотиқон дар нуткҳои дурударози худ ғайр аз ҳамдигарситоӣ ва лофу газофи беҳуда дигар чизе намегуфтанд. Чорабинӣ анҷом ёфту ҷониби таҳририят шитофтам. Роҳ мерафтам, вале хандаи безеби он мард ҳеч аз пеши назарам дур намешуд. Садояш зери гӯшам садо медод: «Ҳозир ҳам одамон газета мехонанд-мӣ?»

Воқеан, оё ҳозир ҳам одамон рӯзномаву мавҷалла мехонанд? Акнун ин савол мағзамро гиҷ мекард. Барои дарёфти ҷавоби ин суол самти ҳаракатамро дигар кардам: роҳи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистонро пеш гирифтам, то статистикаи газетаҳои ҷумҳурӣ ва газетахонҳоро дастрас намоям. Аз Садорати статистикаи соҳаи иҷтимоӣ ва рушди устувори агентӣ маълумотҳоро гирифта, пас гаштам ва дар ӯтоқи корӣ як-як аз назар гузаронидам.

Аз рӯйи маълумоти садорат, бино ба ҳолати моҳи июли соли равон дар ҷумҳурӣ 218 номгӯй газета чоп мешавад. Агар онҳоро дар қиёси солҳо таҳлил кунем, аён мегардад, ки дар даҳ соли охир, яъне нисбат ба соли 2013 (602-то газета) номгӯйи онҳо қариб се баробар кам шудааст.

Инчунин, кам гардидани номгӯй ба шумораи рӯзномаҳо бевосита таъсир расонида, тиражи якмаротибаина ва солона қариб ҳафт баробар кам шудааст.



тибаинаи газетаҳо дар соли 2013 ҷамъ 3,7 миллион нусхаро ташкил карда бошад, ба соли 2023 омада, ин шумора ҳамагӣ 600 ҳазор миллион нусха шудааст.

Тиражи солонаи газетаҳо низ аз ҳам фарқи калон доранд: дар соли 2013 – 179,2 миллион нусха ва дар соли 2023 бо тиражи 27,5 миллион нусха дар як сол чоп шудаанд. Яъне, тиражи якмаротибаина ва солона қариб ҳафт баробар кам шудааст.

Рақами дигаре, ки таваҷҷуҳи маро ҷалб кард, ин нашри солонаи газетаҳо нисбат ба ҳар 1000 сари аҳолӣ буд. Соли 2013 ба ҳар 1000 сари аҳолӣ дар як сол 5927 нусха рӯзнома рост омадааст. Сад афсӯс, ки ин нишондод дар соли 2023 ҳамагӣ 727 нусхаро ташкил кардааст. Маҷалла ва дигар нашрияҳои даврӣ (маҷмӯа ва бюллетенҳо, ки дар муддатҳои муайян интишор мегарданд) ба ҳар 1000 сари аҳолӣ низ соли 2023 нисбат ба соли 2013 даҳ баробар кам шудааст. Яъне аз 334 нусха дар як сол, ба 34 нусха коҳиш ёфтааст.

Баъд омори нашрҳои бачагонаро аз назар гузаронидам. Ин бесабаб набуд. Чунки донишомӯзе, ки имрӯз дар мактаб газетаву журналҳои хурди бачагонаро намехонад, пагоҳ наметавонад газета, китобҳои калонҳаҷмро мутолиа кунад. Сад афсӯс, ки ҳолати нашрияҳои кӯдакона низ нигаронкунанда буд. Дар ин муддат аксари газетаву маҷаллаҳои бачагона фаъолияти худро боздошта, баъзе нашрияҳое, ки чанд сол муқаддам бо теъдоди 100 ҳазор нусха чоп мешуданд, имрӯз тиражашон ҳатто ба 2 ҳазор ҳам намерасад. Аз ин рӯ, ҳоло аксар хонандагони мактабҳо аз мутолиаи рӯзнома бенасибанд ва агар ба онҳо бо саволи «Кадом рӯзномаҳои бачагонаро медонед?» рӯ орем, ангушт мегазанд.

Боз як факти ҷолибе, ки ҳангоми шиносоӣ бо маълумотҳои статистикӣ пеш омад, ин шумораи одамоне буд, ки варианти электронии газета, маҷалла, китоб ва ё расм, филм, видеову мусиқаҳоро аз шабакаҳои иҷтимоӣ боргирӣ кардаанд.

Рақамҳо нишон медиҳад, ки дар нимсолаи аввали соли 2024 ҳиссаи аҳолии аз 10-сола боло, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ рӯзнома, маҷалла ва китобҳои гуногуни электрониро мутолиа ё боргирӣ кардаанд, ҳамагӣ 30,8 дарсадро ташкил мекунад. Аммо шумораи афроде, ки аз интернет барои зеркашӣ ё ирсоли тасвир, филм, видео ва мусиқӣ истифода бурдаанд, 59,1 дарсадро фаро мегирад.

Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки номгӯйи газетаву маҷалла ва шумораи хонандагони онҳо торафт кам мешавад. Яъне мо сол то сол аз мутолиа дур мешавем. Ва қонуни табиат аст, ки вақте мо аз чизе дур меравем, ҳатман ба ҷонибе наздиктар мешавем. Савол: мо аз воситаи таблиғгари маънавият, маърифат, фарҳанг ва ахлоқ дур шуда, ба чӣ наздик мешавем? Ҷавоб аён: ба таназзули маънавӣ! Яъне, ҷониби нодонӣ, ғофилӣ, ҷаҳолатпарастӣ қадам мениҳем. Теша ба решаи андеша зада, аз асли худ дур мешавем. Насли нохудогоҳро тарбия мекунем.

Инак, фурсате расидааст, ки дар ин маврид чиддан фикр кунем. «Замони газетахонӣ гузашт», «обуна мачбурӣ не», «рӯзнома сариваҳтӣ дастрас намегардад», «нархи обуна қимат», «мақолаҳои хонданӣ чоп намешавад» барин баҳонаҳоро аз сар дур созем. Зеро агар ба таърихи рӯзномаҳо назар кунем, аён мешавад, ки онҳо танҳо барои суръат бахшидани рушди ҷамъият, ташаккули шуур, афзунсозии дониш, таҳкими худшиносиву худогоҳии мардум хидмат кардаанд. Имрӯз низ ҳаёти давлатҳои мутараққӣ ва мардуми онҳоро бидуни васоити ахбори умум – нашрияҳои чопӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Аз ин рӯ, намояндагони пешсафу пешқадам, соҳибқалам, соҳибкорону соҳибсарвату соҳибмулкҳо, соҳибобрӯву соҳибэҳтиром, яъне қишри зиёии ҷомеаи моро зарур аст, ки дар ин самт намуна гарданд ва ба мусоҳибу зердастон на бо суолҳои «Ҳозир ҳам одамон газета мехонанд-мӣ?» ё «Ҳозир кӣ радио гӯш мекунад?», балки бо даъватҳое чун «Ҳама бояд китобу рӯзнома хонад, ба театру осорхона равад, гуфторҳои ибратбахшро гӯш ва барномаҳои фарҳангиро тамошо кунад», муроҷиат намоянд.


Набояд фаромӯш кард, ки газета хондан, умуман мутолиа, донишро мустаҳкам, иродаро қавӣ, маънавиятро воло намуда, ба инсон мушоҳидакорӣ, интизом, дақиқназариро меомӯзад. Ва мо танҳо бо ин роҳ, яъне тарғиби мутолиа метавонем пойдевори маънавии Ӯзбекистони Навро мустаҳкам гузорем.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
мухбири «Овози тоҷик».

Далер НАЗАРОВ:

...ДАР ҲАР ЛАҲЗАИ ЗИНДАГӢ ОШИҚЕМ

Овозхони маъруф, оҳангсози бомаҳорат Далер Назаров, ки ҳоло чанд даҳсола инҷониб маҳбуби қалбҳо ҳасту миллионҳо мухлисонаш дар ҳар гӯшаи дунё аз эҷодаш ҳаводорӣ мекунанд, дар арафаи зодрӯзи 65-уми худ барандаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ гардид. Фикр кардем ин ҳарду рӯйдоди хеле масарратбахш вақҳ ва мавриди муҳим аст, ки ба ҳунарманд муроҷиат кунем, то ки барои мухлисонаш аз тариқи рӯзномаи «Овози тоҷик» арзи дил намояд ва табиист, ки аз номи хонандагони рӯзнома табрик ҳам гуфтем...



– Шуморо ба муносибати зодрузатон ва ҳам Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ аз номи мухлисонатон, аз ҷумлаи хонандагони «Овози тоҷик», табрик мегӯям. Ба ин муносибат чизи гуфтание барои онҳо доред?

– Ташаккури зиёд барои табрикоти шумо, ман аз ҳаёт барои ҳама чизе, ки ба ман додааст, хеле миннатдорам. Беш аз он мамнунам, ки бо чунин Мукофоти давлатӣ мушарраф гардидам ва ин хушҳолии худро бо тамоми мухлисонам, дар ҳар кунҷи ҷаҳон, бо ҳам мебинам.

– Дар ду соли охир дар Тошканд ду консерти калон дар толорҳои бузург гузоштед. Шумо аз ҷумлаи тоҷикистониҳо ягона чунин ҳунарпешаед. Аз консертҳо таассурот чӣ хел?

– Ҳар як консерт махсус аст, ки онҳо имкони вохӯрӣ бо тамошобинон дар сатҳи хеле эҳсосотӣ мебошанд. Бисёр мехостам, ки дар Ӯзбекистон консертҳои ҳунармандони тоҷики мо ва ҳунармандони Ӯзбекистон дар Тоҷикистон бештар шавад, ки барои ин мақомоти расмии ҳарду ҷумҳурӣ тамоми заминаҳоро фароҳам овардаанд. Вохурӣ барои ҳамаи мо хурсандии калон хоҳад буд.

– Барои Шумо то чӣ андоза либоси саҳна муҳим, зеро дар ин консертҳо дар Тошканд аз аввал то охир бо як либос баромад кардед?

– Агар ин як навъ маҳсули саҳнавӣ бошад, ки дар он либоси ман метавонист ба тамошобинон чизи бештаре бигӯяд, пас ман эҳтимол дар ин бора фикр мекардам. Консерти мо танҳо суҳбат бо дусти азиз аст.

– Оё ҳамеша консертҳои Шумо «бо як нафас» мегузарад, вақте ки ҳунармандон маъмулан дар байни консертҳо чандин бор танаффус мекунанд?

– Шояд, ба назари мо, танаффус метавонад ин қиссаи дӯстонро ҷудо кунад...

– Мухлисони Шумо дар Ӯзбекистон на камтар аз Тоҷикистон асту маҳбубияти зиёд доред. Ҳеч фикр мекунед, ки рӯзе ба ягон унвон ва ё ҷоизаи Ӯзбекистон мушарраф мегардед?

– Ман кайҳо боз бо меҳру муҳаббати тамошобинон мукофотонида шудаам.

Бо вуҷуди ин ҳар як сафари ҳунариамро ба ин кишвар бо гармӣ ва пазмонӣ ёд мекунам. Ҳар дафъа – ман дар минтақаҳои гуногуни Ӯзбекистон консертҳои зиёд гузоштаам – маро мухлисонам муштоқона мепазиранд ва ин барои ман ва эҷодам болу пар мебахшад. Табиист, ки довари ҳунари ҳар як ҳунарманд бинанда ва шунавандагонаш мебошанд. Аз ин ки мухлис ҳунари воқеии овозхон ё оҳангсозро дарк мекунад ва сазовор баҳо мегузорад, домани маънӣ ва ҳувияти ҳунари санъаткор густурдатар мегардад.

– Ҳоло дар ин синни камолот аз чӣ ҷанбаҳои ҳунари овозхонӣ ва умуман ҳунари дӯстдоштаи худ мулоҳиза мекунед?

– Худи ҳаёт ҳамеша зеботарин офариниш аст ва мо ҳамеша меомӯзем. Дар худи эҷодкорӣ синну сол вуҷуд надорад. Мо минбаъд низ дар ҳар лаҳзаи зиндагӣ ошиқем.

– Шумо маҳз барои мусиқиатон ҳамчун оҳангсоз, ки барои филм офаридаед, соҳиби Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ гардидед. Ҳанӯз бо синамогарон ҳамкорӣ доред ва агар ҳамкорӣ дошта бошед, рӯйи кадом лоиҳаҳо?

– Дар айни замон кор кардан бо кино дар назар нест. Ҳоло мехоҳам бештар ба сурудҳо таваҷҷуҳ кунам. Фикр мекунам, ба андозаи зиёд барои филмҳо оҳанг офаридаам ва ин як ҷанбаи муҳими эҷодиёти маро фаро мегирад. Муҳим ин ки аз ҳамкорӣ бо киносозон шавқманд мегардам ва ин бароям илҳом мебахшад.

– Ташаккур барои фурсат ва ҷавобҳои Шумо, бори дигар зодрӯзатон ва мукофоти давлатӣ муборак бошад!

– Ташаккури зиёд барои таваҷҷуҳатон ба ман ва ташаккури зиёд ба хонандагони «Овози тоҷик», ки ба қарибӣ ба нашраш 100-сол пур шуд ва ин санаи фархундаро барои ҳаводорони рӯзнома табрик мегӯям.

Суҳбатнигор
Тоҷибой ИКРОМОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

НАМУНАИ БАРҶАСТАИ ИБРАТ

Ин навиштаҷот дар назари аввал як чизи одиву беаҳамият менамояд. Хуб, рекламаи оҳан ва маҳсулоти филизӣ аст, ки ба ду забон – ӯзбекӣ ва тоҷикӣ дар як фурӯшгоҳи чунин масолеҳ дар қисмати поини деҳаи мо наздик ба маркази ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё насб гардидааст. Ҳамин гуна як маркази савдо дар маркази ноҳияи ҳамсояи Узун низ ҳаст, ки айнан чунин навиштаҷот он ҷо низ ба чашм мерасад. Азбаски дар ҷойҳои ҷамъиятӣ қариб тамоми навиштаҳо ба забони давлатӣ сурат мегиранд, табиист, ки дидани катибае ба забони модарӣ табъи касро болида месозад.

Шояд шумо гумон кунед, ки соҳиби ин фурӯшгоҳ тоҷик аст ва аз рӯи муҳаббат ба забони модарӣ низ маҳсулоти худро тарғиб кардааст. Аммо чун хабар меёбед, ки молики он ҷавонe бо номи Фарҳод буда, як нафар соҳибкор аз ноҳияи ҳамсояи Деҳнав ва аз қавми қӯҳғирот аст ва ҳеч гуна иртиботи хунӣ ва хешутаборӣ бо тоҷикон надорад, дар тааҷҷуб мемонед. Фарҳодро кӣ ва ё чӣ водор кардааст, ки ба забони тоҷикӣ ғаюрона лавҳаеро навиштаву дар маърази ом бигзорад? Дар ҳоле ки ҳамқавмони муҳофизакори мо, аксаран, дар дурдасттарин деҳоти кӯҳистон ҳам, ки он ҷо ғайри тоҷике нест, дар пештоқи ҳатто масҷиду қабристонҳои худ ба забони модарӣ лавҳеро ҷой намедиҳанд. Гӯё касе онҳоро барои ин кор муҳокима мекарда бошад.

Бо Фарҳод чаҳор-панҷ сол аз ин пеш шинос гардида будам. Ҷӯрабек ном ҷавони ҳамдеҳа ва шогирдам, ки корманди ҳамин фурӯшгоҳ аст, рӯзе ба ман занг зада гуфт, ки соҳиби дӯконашон мехоҳад забони тоҷикиро хуб биомӯзад ва барои ин кор ба устоде ниёз дорад. Агар тавонам, ба ӯ ёрӣ расонам. Ман қабул кардам ва Фарҳод ба наздам омад. Аз як суҳбати кӯтоҳ бо ин ҷавони резапайкар, ки мутолиаи фаровон низ доштааст, дарёфтам, ки ба забони форсии тоҷикӣ ва бузургони илму адаби мо дилбастагии зиёд дорад, каму беш ба ҳар восита онро аз худ ҳам кардааст. Ҳоло мехост, ки ин забонро назди устоде комилтар фаро бигирад. Вай омода буд, ки ба устоди забономӯз барои заҳматаш музди муайяне пардохт кунад. Ростӣ, чун як омӯзгори собиқадори забон ва адабиёти тоҷик, вақте ки ин гуна бо як хоҳиши умедворона ба ман муроҷиат кардаву бо иштиёқи зиёд ба омӯзиши забони модарии мо камар бастани як нафар ҷавони ғайритоҷикро дидам (дар ҳоле ки, мутаассифона, аксар наврасону ҷавонони ҳаммиллати худамон ба омӯзиши дурусти забони модарии худ рағбат надоранд), гуфтам, ки ӯро ман ройгон таълим хоҳам дод. Фақат ман серкор ҳастаму ҳафтае ду маротиба бегоҳирӯзӣ пас аз анҷоми соати корӣ метавонад назди ман биояд. Фарҳодро маслиҳат додам, ки «Худомӯзии забони тоҷикӣ»-ро аз интернет дастрас бикунад. Чанд китоби дигари дарсиву бадеӣ, аз ҷумла ҷилдҳои якуму дувуми «Ёддоштҳо»-и устод Айниро аз ҷевони кориам гирифта додам, ки бихонаду донишашро такмил бидиҳад. Хурсанд шуд. Чанд ҳафта рӯзҳои чоршанбеву шанбе дар соатҳои муайянгардида наздам барои сабақгирӣ омада рафт. «Шогирди нав» бо вуҷуди серкорӣ дарсҳоро хеле хуб азхуд ва луғатҳои зиёдеро ҳифз мекард, рӯз аз рӯз ба забони тоҷикӣ хубтар ҳарф заданро ёд мегирифт. Бадбахтона, фалокати «Куруно» сар заду дарсҳои мо низ нотамом монданд. Муддати мадиде ӯро надидам. Рӯзе бо коре аз назди дӯконаш мегузаштам, ки бо оғӯши боз ба пешвозам баромад. Ба тоҷикӣ гарм ҳолпурсиву миннатдорӣ кард, ки ӯро сабақ додааму инак забонро хуб омӯхтааст. Ман ҳам Фарҳодро ташаккур гуфтам, ки ба забони мо ин қадар таваҷҷуҳ дораду навиштаҳоеро низ ба тоҷикӣ сари роҳ гузоштааст. Гуфт, ин чандон қобили ситоиш нест, охир кӣ мегӯяд, ба забоне, ки мардуми зиёде дар ин гирду атроф бо он ҳарф мезананд, навиштаҷотеро ба маърази назар гузоштан мумкин набошад?

Бале, ҳақ бар ҷониби ӯст! Коре, ки ин як ҷавони ғайритоҷик ба расми эҳтиром барои забони мо мекунад, намунаи барҷастаи ибрат аст барои аксар ҳамқавмону ҳамзабонони ба тақдири забону миллат бепарвою беэътинои мо!

Турдикул ҲАСРАТОВ,
директори мактаби миёнаи рақами 83-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.

Минбари донишҷӯ

УСТОДИ АВВАЛИНИ МАН

Камолиддини Биноӣ фармудааст:

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар
пеш аст.

Агар барои қабои сабз ба бар намудани замин баҳор лозим бошад, пас барои сабз гаштани таманнои инсон устод рамзи баҳор аст. Оре, ӯ бе устод наметавонад аз доираи тафаккури маҳдуд берун гашта, оламу одамро дарк намояд. Дар ин маврид шоир гуфтааст:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе
нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.
Ҳеҷ Мавлоно нашуд Мавлои
Рум,
То муриди Шамси Табрезӣ
нашуд.

Фарзанди одам вақте ки ба дунё меояд, зери парвариши волидайн ба воя мерасад. Баъдан ӯ таҳти парваришу тарбияи мураббӣ қарор мегирад. Вақте ки синни кӯдак ба шаш-ҳафт солагӣ мерасад, ӯро омӯзгор, муаллим ба оғӯш мегирад ва сабақҳои нахустини ҳаётро меомӯзонад. Устоди аввалини ман ин модарам аст, ҳар чизеро, ки то даврони мактабхонӣ медидам, аз ӯ пурсон мешудам. Модарам бо суханони ширину латиф ҳар як ашёи оламро ба мани кунҷков ошно месохт. Устоди дигар ин худи зиндагист, ки касро бо баду неки ҷаҳон ошно месозад. Аммо хидмати омӯзгор бештар аст, зеро маҳз ӯ дари илму донишро ба рӯи кас боз карда, дунёи тафаккурро бо тозагулҳои муаттари маърифат зинат медиҳад.

Муаллим, устод, омӯзгор! Шахсест, ки чун модар ҳамеша меҳрубон, дилсӯз, вале сахтгир. Он чизе, ки ӯ дорад, ҳамаашро сарфи шогирдон мегардонад. Мӯйи ӯ баҳри он сафед гаштааст, ки як умр ба мо роҳи сафедро нишон додааст! Аз қадим бузургони илму адаб ба устод эҳтироми хоса дошта, дар мавриди зарурат ба ин шахси беназир муроҷиат кардаанд ва оянда низ хоҳанд кард.

Устоди аввал! Чи тавре ки аз номаш бармеояд, онест, ки ба кас хату савод омӯхта, дари бахту саодатро боз мекунад. Вақте ки ман қадамҳои нахустини худро ба даргоҳи муқаддас, мактаби азизам, мактаби рақами 9-уми деҳаи Янгиҳаёти ноҳияи Сариосиё гузоштам, муаллимаи чун модар меҳрубонам Моҳира Алимардонова маро ба оғӯш гирифтанд. Ба дастони ларзони ман қалам дода, калимаҳои Модар ва Ватанро омӯзониданд. Меҳри Модар ва Ватан, ягонаю муқаддас будани ин калимаҳоро дар қалби ман ҷо намуданд. Барои ин ман дар назди устоди аввалинам сари таъзим фуруд меорам. Устоди нахустинам чун хуршеданд, ки нурҳои зиёфахши илму маърифаташон ба ман равшанӣ ва гармӣ мебахшанд.

«Гуле, ки таҳти парвариши боғбон нест, то ба осмон сар кашад ҳам ёбоӣ аст» – мегӯянд, ки дуруст ест. Шогирдону навомӯзон мисли навниҳолҳои тару тозаанд, ки муҳтоҷ ба парваришанд.

Ба дастонам қалам додӣ,
Қалам аз дасти ман ларзид.
Зи ларзишҳои дасти ман,
Дили пурмеҳри ту ларзид.

Устоди аввалинам, Моҳира Алимардонова! Бо баробари ҳар як ҳарфро омӯзониданатон чӣ қадар ранҷ кашидед баҳри ман, ки инро ҳаргиз фаромӯш намекунам. Устоди азиз ва аввалинам, ман мехоҳам, ки дар оянда шахсе шавам, ки фахри Шумо бошам. То Шумо бо чунин шогирди тарбиянамудаатон фахр созед. Имрӯз дар соатҳои гуногуни дарсӣ дар донишгоҳ он чи ки меомӯзам, суханони Шумо, нахустин омӯхтаҳои Шумо пеши назар меояду ба он риоя мекунам. Ман на танҳо имрӯз, балки як умр Шумо, симои Шуморо ҳаргиз аз хотир намебарорам:

Аё устод, аз хотир фаромӯшат
нахоҳам кард,
Чароғи дар дили шогирд
хомӯшат нахоҳам кард.

Шаҳноза БОБОРАҶАБОВА,
донишҷӯйи соли сеюми бахши забону адабиёти тоҷики ДДФ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 4187. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. МАМАҶОНОВА.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.